# Эй мардум! Аз ғулув ва зиёдаравӣ барҳазар бошед, зеро касонеро, ки пеш аз шумо буданд, ғулуви дар дин ҳалок кард

Аз ибни Аббос (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) субҳи рӯзи Ақаба дар ҳоле ки бар шутураш буд, фармуд: "Бароям сангреза ҷамъ кун". Барои ӯ ҳафт сангрезаи бузургтар аз нахуд ҷамъ кардам, онҳоро дар кафи дасташ мегардонд ва мефармуд: "Бо монанди инҳо рамй кунед" (шайтонро санг занед). Сипас фармуд:" Эй мардум! Аз ғулув ва зиёдаравӣ барҳазар бошед, зеро касонеро, ки пеш аз шумо буданд, ғулуви дар дин ҳалок кард."

[Саҳеҳ] [رواه ابن ماجه والنسائي وأحمد]

Ибни Аббос (разияллоҳу анҳу) хабар медиҳад, ки субҳи рӯзи санг задани ҷамраи Ақаба дар ҳаҷҷатул-вадоъ ҳамроҳи Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) буд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ӯро амр кард, ки барояш сангреза ҷамъ кунад, пас барои Ӯ ҳафт сангреза овард, ки ҳар кадоми он ба ҳаҷми нахуд ё фундук буд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) онҳоро дар дасташ гузошт ва таккон дод ва фармуд: Ба мисли ҳаҷми инҳо санг бизанед. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ғулув ва зиёдаравӣ ва аз ҳад гузаштан дар умури дин ҳушдор дод. Зеро умматҳои пешин низ ба воситаи гузаштан аз ҳад ва ифроту сахтгирӣ дар дин, ҳалок шуданд.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee